# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил дар мавзуи: “Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон” ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050301 – психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология пешниҳод шудааст

Синни наврасӣ давраи ҳассос ва замина барои рушди минбаъдаи шахсияти солим, дар дурнамо ҷомеаи солим ва дар умум наслу давлати солим ба ҳисоб меравад. Ҳамин аст, ки омӯзиши мавзӯи мазкур мубрам ва саривақтӣ ба ҳисоб рафта натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастовардашуда метавонанд дар самти омӯзиши наврасон, пешгӯии рафтори онҳо ва таълиму тарбияи онҳо муфид бошанд. Мавзуи интихобнамудаи Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил ба таҳқиқи бевоситаи таъсири талоқ ба зуҳуроти агрессия, изтироб, баангезишоӣ ва ноумедӣ дар наврасон равона шудааст. Мубрамияти мавзӯйи рисолаи омӯзиширо инчунин он муайян менамояд, ки дар он якбора ду ҷанбаи басо муҳим таъсири талоқи волидон ба зуҳуроти эмотсияҳои фарзандон ва инчунин таъсири пошхӯрии оилаҳо ба рушди иҷтимоӣ ва раванди таълими наврасон таҳқиқ шудаанд.

Дар доираи таҳқиқоти рисолаи диссертатсиониаш Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил омӯхта маълум намудааст, ки талоқ ба ҷанбаҳои гуногуни зуҳуроти эмотсионалӣ таъсиргузор аст. Барои ба даст овардани натиҷаҳои боэътимод ӯ ду гурӯҳи наврасонро зери омӯзиш қарор дода аст. Гурӯҳи асосиро наврасон аз оилаҳои пурра ва гурӯҳи назоратиро бошад, наврасон аз оилаҳои ҷудошуда ташкил намуданд. Дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомдода Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил натиҷаҳои ҷолиберо ба даст овардааст, ки мувофиқи онҳо ба наврасоне, ки талоқи волидайнро аз сар гузаронидаанд, шиддати баландтари зоҳиршавии ҳолати эмотсионалии манфӣ хос аст, аз ҷумла ошкор кардааст, ки талоқ нобоварӣ ба худ, имкониятҳо ва қобилиятҳои худ, дараҷаи бадхашмӣ, ноумедӣ ва мароми паст ба таълимро дар наврасон ташаккул медиҳад. Қайд кардан бамаврид аст, ки методикаҳои интихобнамудаи Меҳроҷидин мувофиқи мақсаду вазифаҳои кории ӯ буда, барои ба даст овардани маълумоти дар мавриди тасдиқи фарзияҳои корӣ мусоид, имконият фароҳам оварданд.

Кори диссертатсионии “Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон” аз муқаддима, се боб, нӯҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва

мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд. Дар хулоса ва пешниҳодҳо бошад натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои эътимодноки назариявӣ ва амалӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар 4 мақолаҳои илмии нашргардида ва 3 баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Дар самти фаъолияти таълимиаш Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил хатмкунандаи зинаи бакалавриати ихтисоси психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, баъди хатми ин зинаи таълим ба зинаи магистратураи ҳамин ихтисос дохил шуда онро соли 2016 бомуваффақият хатм намуд. Меҳроҷидин соли 2017 ба зинаи докторантура (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 психологияи дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, тули се сол фаъолона дар ин ришта таҳсил намуда соли 2021 онро хатм намуд. Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил омӯзиш ва таҳқиқоти диссертатсионии худро дар давоми 8 соли охир мавриди омӯзиш қарор дод. Кори анҷомдодаи Меҳроҷиддин вакти тӯлониро дар бар гирифт, ки он ба сифати навиштани рисола таъсири мусоид расонид.

Дар самти фаъолияти корӣ Бобобекзода Меҳроҷидин Абдуҷалил тӯли якчанд сол ба сифати муовини директор оид ба таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахасисони ҷавон, сардори раёсати таълими Колеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, баътар, сармушовири академии факултети забон ва адабиёти руси Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода кор ва фаъолият намудааст. Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил инчунин дар омода намудани кадрҳои баландихтисос ва дар самти коркарди маводҳои илмӣ низ саҳми назаррас дорад.

Дар даврам навиштани рисолаи илмӣ ва анҷом додани таҳқиқот Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил худро ҳамчун муҳаққиқи комил, мустақил ва таҳлилгари хуби маълумоти оморӣ нишон дода, ҳангоми иҷро намудани вазифаҳои дар наздаш гузошташуда мудом масъулияти хоса ва қобилияти аналитикӣ нишон медод, ки дар омӯзиш ва таҳлили маводи илмӣ ва оморӣ низ таъсиргузор буд.

Хулоса, диссертатсияи Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил дар мавзуи: “Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон” бо талаботи Тартиби дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050301 -- психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология барои ҳимоя пешниҳод мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои психологӣ,
дотсенти кафедраи психологияи ДМТ Шарипова М.Ё.

"06". 10 соли 2025

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, маҳаллаи Буни ҳисорак, бинои 15
Телефон: (+992) 900 17 98 89
E-mail: madinjasha@yandex.ru

Имзои дотсент М.Ё. Шариповаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Телефон: (+992 (37)) 221 62 25
E-mail: info@tnu.tj

"06". 10 соли 2025